Тасдиқ менамоям,
Муовини якуми Вазири рушди иқтисод
ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
роҳбари Гурӯҳи корӣ

_______ Солеҳзода А. А.

"31" майи соли 2022

П Р О Т О К О Л И №04

ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба гузаронидани таҳлил ва баҳодиҳии чараёни иҷрои барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ дар соли 2022 дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 31 майи соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ ва мутахассисони вазорату идораҳо (руйхат пешниҳод мегардад).

**Иштирок надоштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ аз вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, молия, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, Ҷалолов М. – сардори Раёсати дурнамосозӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодӣ, Муҳаммади Одина-сардори Раёсати рушди соҳаҳои кишоварзӣ, иқтисоди сабз ва экология.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи давлатии солимии репродуктивӣ барои солҳои 2019-2022» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019, №326);

2.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №94);

3.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Консепсияи ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2010, №321).

Ҷаласаро роҳбари Гурӯҳи корӣ, Муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода А. А. ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи он шинос намуданд.

Вобаста ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа оид ба иҷрои «Барномаи давлатии солимии репродуктивӣ барои солҳои 2019-2022» Абдусаматзода Зулфия Маҳмадкарим – Муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

Барномаи мазкур барои рушди устувори солимии репродуктивӣ, тарғиби раванди танзими оила, солимии модарон, кудакон, наврасон ва ҷавонон, тарбияи ахлоқии ҷинсӣ ва таъминоти молиявии солимии репродуктивии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Ҳадаф ва вазифаҳои асосии барнома, ин ҳифзи солимии репродуктивии аҳолӣ (занон, мардон, ҷавонон), беҳтар намудани вазъи молиявии муассисаҳои тиббӣ, ҳифзи солимии репродуктивии аҳолӣ, таъмини муассисаҳои тиббӣ бо технологияи муосир, беҳтар намудани вазъи молиявии муассисаҳои тиббӣ, таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо маводҳои омӯзишии дахлдор, паст намудани нишондоди фавти модарон буда, дар он татбиқи 36 банд (аз ин 22 банд ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, 5 банд ба Вазорати маориф ва илм, 3 банд ба Кумитаи кор бо занон ва оила, 1 банд ба Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ва 1 банд ба Кумитаи телевизион ва радио) ба маблаги 18,4 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар давоми солҳои 2019-2021 коэффитсиенти истифодабарандагони маводҳои пешгирии ҳомиладорӣ 4,7 фоиз, шумораи заноне, ки аз безуриёткунии ихтиёрии ҷарроҳӣ истифода мебаранд 2,2 маротиба, нишондиҳандаи фосилаи байни таваллуд 39,9 фоиз, шумораи заноне, ки аз маводҳои пешгирии ҳамл истифода мебаранд 5,5 фоиз зиёд шуда, нишондиҳандаҳои фавти модарон ба 100 ҳаз. нафар 3,9 фоиз, зоиши хонагӣ 17,2 фоиз, исқоти ҳамл 18,3 фоиз, фавти кӯдакони то 1 сола 20,6 фоиз ва сатҳи фавти кӯдакон то 5 сола 11,0 фоиз коҳиш ёфтааст.

Қайд гардид, ки иҷрои нақшаи барнома аз рӯи бандҳо 96,9 фоиз ва аз рӯи маблағгузорӣ 20 фоизро ташкил дод (доир ба ҳаҷми умумии маблағгузорӣ фоизҳои индикаторҳои асосӣ дар соли 2023 баъд аз гузаронидани тадқиқот ҳисоботи пурра пешниҳод карда мешавад).

Таҳлил нишон дод, ки нақшаи маблағгузории чорабиниҳои барнома (замимаи 2) сарчашмаҳои маблағгузориҳо ва индикаторҳои захиравӣ дар ҳисобот пешниҳод нашудааст.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А., Файзуллозода Ф.В. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Роҷеъ ба масъалаи дуюм оид ба ҷараёни иҷрои «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №94 тасдиқ шудааст, Раҳимзода Шабнам Карим-Муовини якуми раиси Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш манзур намуд.

Барномаи мазкур аз 10 самти афзалиятнок ва 72 банд ба маблағи 10,9 млн. сомонӣ (8,8 млн. сомонӣ аз ҳисоби мабалғҳои буҷетӣ ва 2,1 млн. сомонӣ аз

ҳисоби мабалғҳои ғайрибуҷетӣ) пешбинӣ шуда, иҷроиши он 99,7 фоизро ташкил додааст.

Ҳамзамон, пешниҳод гардид, ки ҳисобот бо назардошти ҷадвали ҷамъбастии 68 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба иҷрои маблағгузории онҳо тибқи иҷрои нақшаи барнома таҳлил гардида, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод карда шавад.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А., Файзуллозода Ф.В., Абдусаматзода З. М. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Тибқи рузномаи ҷаласа вобаста ба Консепсияи ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2025 Ҷабборзода Хуршед Бурӣ-Муовини директори генералии корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» оид ба чараёни иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2010, №321 дар шакли рӯнамо гузориш пешниҳод намуд.

Қайд гардид, ки Барнома 6 боб ва 3 марҳиларо (марҳилаи аввал солҳои 2010-2015, марҳилаи дуюм солҳои 2015-2020 ва марҳилаи сеюм солҳои 2020-2025) дар бар мегирад.

Дар марҳилаи якум Консепсия «Барномаи рушди хоҷагии манзилию коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2014 – 2018» таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2014, №506 тасдиқ гардидааст. Барномаи мазкур муайян намудани проблемаҳои асосии соҳа ва роҳҳои ҳали онро ба нақша гирифта дар доираи иҷрои он 3042,3 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст (66,0 млн. сомонӣ (2,2 фоиз) аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, 358,6 млн. сомонӣ (11,8 фоиз) буҷети маҳаллӣ, 2600,6 млн. сомонӣ (85,5 фоиз) сармоягузории хориҷӣ ва 17,1 млн. смонӣ (0,5 фоиз) маблағҳои худи корхонаҳои соҳа). Иҷрои Барномаи мазкур 55,5 фоизро ташкил медиҳад.

Барои татбиқи марҳилаи дуюми Консепсияи мазкур “Барномаи рушди хоҷагии манзилию коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2021-2024”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2021, №53 тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст. Амалисозии барнома ба маблағи 2622,9 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст (62,1 млн. сомонӣ (2,4 фоиз) аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, 322,6 млн. сомонӣ (12,3 фоиз) аз буҷети маҳаллӣ, 2223,9 млн. сомонӣ (84,8 фоиз) аз ҳисоби сармояҳои хориҷӣ ва 14,3 млн. сомонӣ (0,5 фоиз) аз ҳисоби маблағҳои худии корхонаҳои соҳа).

Кайд гардид, ки дар алоҳидагӣ оид ба иҷрои се марҳилаи Консепсияи мазкур ҳисобот ( ҳадафу натиҷаҳо, мушкилотҳо ва пешниҳодҳо барои ҳалли он) пешниҳод карда шавад.

Дар охири ҷаласа бо дарназардошти кайдҳои боло чунин қарор қабул карда шуд:

1.Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи иҷрои «Барномаи давлатии солимии репродуктивӣ барои солҳои 2019-2022»-ро бо дарназардошти эроду пешниҳодҳо такмил дода, то 6 июни соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

2.Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба чораҳои татбиқи «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2022» бо назардошти эроду таклифҳои пешниҳодгардида то 6 июни соли 2022 гузоришро такмил дода, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст манзур намояд;

3.Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (Абдулвориси В.) барномаҳои дар банди 1 ва 2 қайдшударо мавриди арзёбӣ қарор дода, аз чораёни иҷрои онҳо гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 16 июни соли 2022 пешниҳод намояд.

4.Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» натиҷаи иҷрои «Консепсияи ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2025»-ро бо дарназардошти эроду таклифҳо такмил дода, то 6 июни соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

5. Сарраёсати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт (Аҳадзода Б.) қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2010, №321-ро мавриди арзёбӣ қарор дода, аз чораёни иҷрои он гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 16 июни соли 2022 пешниҳод намояд.

Котиби масъул Ҳ. Мавлонова